# Тақриз

ба фишурдаи рисолаи Алишерзода Фарзона «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ»,ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D20500 – филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқосавӣ) пешниҳод шудааст.

Соматизмҳо аз ҷумлаи серистеъмолтарин воҳидҳо дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор меравaнд. Махсусан, дар забони назм ва шаклгирии ибораҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ ва вожаҳои шоирона ( поэтизмҳо) корбурди васеъ дошта, дар ифодаи образҳои шеърии ҷозибанок соматизмҳо нақши муҳим мебозанд. Диссертатсияи мазкур ба таҳлили корбурди чунин воҳидҳои луғавӣ дар ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ» и Ҷалолуддини Балхӣ бахшида шудааст.

Дар боби аввал соматизмҳо аз ҷиҳати маъно мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф вижагиҳои сермаъноӣ, метафора, метонимия, снекдоха, омонимия, синонимия, антонимияро дар мисоли вожаҳои соматикӣ аз назар гузаронида, дар заминаи маводи интихобшуда вазифаҳои услубию луғавии калимаҳои ифодакунандаи аъзои бадани инсонро дар ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ» муайян намудааст. Роҳҳои кӯчидани маъно дар намудҳои гуногуни маҷоз ва тарзҳои ифодаи образҳои гуногуни шеърӣ нишон дода шудааст. Ба маънои омонимӣ корбаст шудани вожаҳои соматикӣ дар ашъори ҳар ду суханвар бо мисолҳои мушаххас таҳлил шудааст. Вазифаҳои муродифии калимаҳо вобаста ба вазифаҳои услубӣ аз назар гузаронида шудааст. Роҳҳои пайдоиши муродифот дар заминаи вожаҳои соматикӣ муайян карда шудааст. Нақши антонимҳо дар ифодаи тазод ва муқобила дар назми ҳар ду суханвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюм таҳқиқи нақши соматизмҳоро дар калимасозӣ дар бар мегирад. Ташаккули калимаҳои сохта тавассути соматизмҳо ва нақши пешванду пасвандҳо дар калимасозӣ, ташаккули калимоти мураккаби пайваст, тобеъ, омехтасохт тахлил шуда, таркиби морфологии вожаҳо гурӯҳбандӣ шудааст. Маънӣ ва вазифаҳои морфемаҳои решагӣ ва вандӣ дар таркиби вожаҳои мфодакунандаи узвҳои бадани инсон зимни ифодаи ҳадафҳои мухталиф дар забони назми ҳар ду шоир ошкор гардидааст.

Дар боби сеюм накши соматизмҳо дар таркиби ибораҳои синтаксисӣ ва фразеологӣ аз ҷиҳати таркиб ва маъно таҳлил шудааст. Сохтори ибораҳои соматикиии исмӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ ва феълӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда шуда, аз ҷиҳати вазифа баррасӣ гардидааст. Хелҳои ибораҳои фразеологӣ аз рӯи дораи истифодаашон ба гурӯҳҳо чудо карда шуда, бо мисолҳо асоснок карда шудаанд.

Дар хотима натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 12 банд хулоса карда шудааст ва вижагиҳои корбасти соматизмҳо дар ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ» -и Ҷалолуддини Балхӣ нишон дода шудааст.

Диссертатсияи Алишерзода Фарзона «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» нахустин кори илмиест, ки дар он корбурди соматизмҳои назми ду суханвар, ки дар фосилаи дури замонӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд,аз назари муқоисавӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур таъсири назми Ҷалолуддини Балхиро ба ашъори Фарзона собит месозад. Дар баробари ин равандҳои таҳаввули маъноии вожаҳо дар забон тибқи қонунитҳои дохилии забон сурат гирифта, ба забону услуби хоси ҳар як суханвар иртиботи зич дорад. Бад-ин ваҷҳ рисолаи мазкур аз назари истифодаи сарчашмаҳои илмӣ, шарҳу тавзеҳи масъалаҳои назариявӣ, таҳлили забоншиносии мавод мукамал буда, дорои хулосаву натиҷагириҳои тоза ва боварибахш мебошад.

Диссертатсияи Алишерзода Фарзона «Таҳлили қиёсии маъноиву сохтории соматизмҳои ашъори Фарзона ва «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ» асари мукаммал ва аз назари банду баст ва натиҷагириҳои мантиқии назариявӣ кори илмии баанҷомрасида маҳсуб ёфта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D20500 – филология (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқосавӣ) мебошад.

Назрӣ Офаридаев, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
Суроға: ҶТ ВАБК Хоруғ х.Шоҳтемур, 109
Тел:(992) 939314032 Email:
ofarida_n@mail.ru

Имзои Офаридаев Назриро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Қ.Шабдолов